Такриз

Ба диссертатсияи **Лутфияи Ҷӯрахон** дар мавзӯи **«Ташаккули кори мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни таълими курси физикаи мактабӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии назди илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02-назаря ва методикаи омӯзиши парвариш (методикаи таълими физика).

Диссертатсия Лутфияи Ҷӯрахон ба ташаккули кори мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни таълими курси физикаи мактбӣ дар синфҳои 10 ва 11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудааст.

Тадтқиқоти гузаронидаи Лутфияи Ҷӯрахон бахри баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагони синфҳои 10 ва 11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равона карда шудааст.

Коркард ва тавсияҳои методии татқиқоти гузаронидашуда ба омӯзгорони фанни физикаи МТМУ имконияти баланд бардоштани саҳми корҳои мустақилонаи хонандагонро дар инкишофи дониши хонандагон муҳайё месозад.

Диссертатсияи Лутфияи Ҷӯрахон аз «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», ду боб, бахши хулосаҳо бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии десертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Номгӯи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳрасти сарчашмаҳои истифодашуда» ва « Феҳрасти интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат аст.

Лутфияи Ҷӯрахон дар татқиқоти худ нишон додааст, ки яке аз роҳҳои баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон иҷроиши кори мустақилона ба шумор меравад.

Дар диссертатсия доир ба иҷроиши корҳои мустақилонаи хонандагон талабот ва принсипҳои дидактикӣ коркард гардидааст.

Инчунин дар рисолаи Лутфияи Ҷӯрахон нишон дода аст, ки баъди иҷроиши босамари кори мустақилона дар хонандагон малакаи кор кардан бо китоби дарсӣ ташаккул меёбад ва дараҷаи азхудкуниашон дар

сатҳи зарурӣ баланд мегардад. Малакаҳои бадасовардаи хонандагон дар дессертатсия дар 16 банд гурӯҳбандӣ гардидааст.

Дар дессертатсия Лутфияи Ҷӯрахон мукарар карда шудааст, ки корҳои мустақилона воситаи гирифтани донишҳои амиқ ва устувори хонандагон, дар онҳо ташаккул додани фаъолнокӣ ва мустақилият, ки омили такомули шахсияти зеҳнии онҳо мебошад, ба шумор меравад.

Дар дессертатсияи Лутфияи Ҷӯрахон доир ба ташакули кори мустақилонаи хонандагон аз фанни физика барои синфҳои 10-11-и МТМУ таткиқоти назаррас анҷом дода шудааст.

Дар диссертатсия маводҳои дидактикӣ доир ба мавзӯъҳои бобҳои «Электростатика» ва «Магнитизм» коркард ва пешниҳод гардидаанд. Аз рӯи натиҷаҳои озмунҳои педагогӣ муқарар карда шудааст, ки иҷроиши корҳои мустақилона дар синфҳои 10-11-и МТМУ яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани сатхи дониши хонандагон ба шумор меравад. Натиҷаҳои илмию методии дессертатсияи Лутфияи Ҷӯрахонро дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни физика мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Натиҷаҳои татқиқоти Лутфияи Ҷӯрахон дар 10 интишороти ӯ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4-тояш мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Мақолаҳои чопкарда ва авторефирати Лутфияи Ҷурахон ба пуррагӣ мазмуну муҳтавои дессертати ӯро инъикос менамоянд.

Натичаҳои дисертатсияи Лутфияи Ҷӯрахон дар амалгардонидани талаботхои <<Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанхои табиатшиносӣ, дакик ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф>> сахми арзанда мегузорад.

Дар дисертатсияи Лутфияи Ҷӯрахон масъалаи хеле муҳими методӣ халлу фасл гардидааст, ки ахамияти илмию амали дорад.

Дисертатсияи Лутфияи Ҷӯрахон кори илмии ба итмом расида ба шумор меравад ва аз рӯйи ҳаҷмаш ва навгониҳояш ба талаботҳои Комисияи оли атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

доир ба диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисос 13.00.02 - назария ва методикаи омузиши парвариш (физика, таҳсилоти миёнаи умумӣ ) ҷавобгӯ мебошад.

Дисертант Лутфияи Ҷӯрахон барои гирифтани дарачаи илмии номзади илмхои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи омузишу парвариш (физика, таҳсилоти миёнаи умумӣ) арзанда мебошад.

Рохбари илмӣ, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоии Россия, Академияи байналхалқии мактабхои олӣ, Академияи байналмилалии муҳандисӣ, доктори илмҳои техникӣ, профессор Ҳамид Маҷидов

Имзои профессор Ҳамид Маҷидовро тасдиқ мекунам .

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Мустафозода А.